**«Комсомоли Тоҷикистон»,**
**18 июни 1965, с. 3.**

## Сухангустари мушкилписанд, 1965

Шашсаду бист сол пеш аз ин, яъне, соли 1345 мелодӣ (745 ҳиҷрӣ) мардуми донишпарвари Деҳлӣ ҷисми азизеро ба хок супурд. Ин ҷасади марди фозил, шоири забардасти асри XIV тоҷик Бадри Чочӣ буд.

Аз он даме, ки чароғи зиндагии шоир хомӯш гашт, 620 сол гузашт. Вале дар тамоми ин муддати тӯлонӣ ашъори пуробуранги ӯ партавфишонӣ мекунад, дилҳои дилбохтагони шеъри тоҷикро аз шодию фараҳ лабрез мегардонад.

Муштоқони каломи бадеъ дар маҷлисҳо ӯро мехонанд, баёзҳои худро бо осори рангини ӯ зиннат медиҳанд, аз ӯ ҳунари суханварӣ меомӯзанд, олимони адабиёт чун далели маҳкамасос байтҳои ӯро иқтибос мекунанд…

Мо ҳам хостем имрӯз ӯро ба қавли ҳакиме, «аз ақибаш зикри хайр» кунем.

Бадриддин мутахаллис ба «Бадр» аслан чочист (Тошканди ҳозира).

Чунон ки Шамсиддини Сомибек дар «Қомус-ул-аълом» қайд мекунад, соли 1333 Бадри Чочӣ рӯ ба ҷониби Ҳиндустон оварда, дохили Деҳлӣ мешавад. Чаро? Шоирро чӣ маҷбур кард, ки ҷилои ватан кунад?

Ба ҷавоби ин саволҳо худи Бадри Чочӣ ишораҳо кардааст. Ана, ин байтҳо аз як қасидаи ӯ мебошанд:

*«Вуҷуди Бадр чунон дар камоли нуқсон аст,*
*Ки пеши бадр ҳилол офтоби тобон аст!*

*Чу субҳ хобу хӯриш неву ҳар дам аз оҳаш*
*Сиёҳ оинаи моҳ ҳамчу қатрон аст...*
*Заифтар шуд аз он мӯи дидае, ки зи дард*
*Дар оби дидаи худ хору зору пинҳон аст...*
*Ба шакли тори бирешим, ки дар бари чанг аст*
*Низору зарду пур аз тобу сахт, нолон аст.*
*Зи ранҷи реш, ки аз неши ақраб омад пеш,*
*Зи дарди хеш ба худ ҳамчу мор печон аст ...».*

Аз ин суханон равшан маълум мегардад, ки ҳолати шоир ниҳоят бад будааст. Ба шоир фишор овардаанд, вагарна ӯ ба ривояти машҳури халқии «неши ақраб» ишорат намекард. Зиндагӣ тоқатфарсо шуд - шоир мулки бегонаро ихтиёр кард.

Иқтидори суханварии Бадри Чочӣ дар Ҳиндустон зуд паҳн гардид, мардуми фазилатпараст поси хотираш доштанд. - Ғиёсиддини Туғлақшоҳ шоирро ба дарбори адабии худ хонд. Ба Бадри Чочӣ номи «Фахр-уз-замон»-ро доданд.

Чунонки устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» нишон медиҳад Бадри Чочӣ дар Ҳинд 12 сол зиста, дар феврал-марти соли 1345 вафот мекунад.

Бадри Чочӣ дар шаклҳои гуногуни назми тоҷик қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра асарҳо офаридааст. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо, шоир девонашро бо дасти худ тартиб додааст. Ва ҳоло нусхаҳои зиёди девони ӯ дар китобхонаҳои мамлакатамон ва китобхонаҳои шахсии одамон мавҷуданд.

Ашъори Бадри Чочӣ як хусусияти ба назар намоён дорад: ки ин пухтагӣ, устуворӣ, баркамолии сухан аст. Ба ин байтҳо диққат кунед:

*Чи роҳатҳо бувад он дам, ки ояд дилбарам дар бар,*
*Агарчи бозам аз ғамза ҷароҳатҳо ниҳад дил-бар.*

*Зиҳӣ, субҳи ҷабинатро ду ахтар дар ду моҳи нав!*
*Зиҳӣ, боғи узоратро ду лола, дар ду нилуфар!*
*Зи ҳар тарзи камонабрӯ, ки чашмаш рост пайваста,*
*Синонҳо гирд бар гирду ду ҳинду тифли бозингар.*
*Ту он сарвӣ, ки медорӣ сиву ду дур ба як ғунча,*
*Ман он нолам, ки меборам дусад насрин зи як абҳар...*

Бадри Чочӣ сухангустарест мушкилписанд. Шеърҳои ӯ ниҳоят ҳунармандона гуфта шудаанд, баъзан ба андозае душворфаҳманд, ки хонандаи одӣ аз идроки мароми гӯянда оҷиз мемонад. Баъзе адибон, навиштааст устод Садриддин Айнӣ, «қасидае, ғазале, қитъае ё ки байтеро барои қудратнамоӣ бадин услуб иншо кардаанд. Аммо сар то пои девонро бад-ин сиёқ (яъне, ба мисли Бадри Чочӣ) касе нанавиштааст.

Дар осори Бадри Чочӣ санъатҳои бадеӣ, махсусан, киноя, маҷоз, истиора, ташбеҳ бисёр истифода шудаанд. Масалан:

«*Аз нами унноби ӯ раста ду ришта гуҳар,*
*Дар хами меҳроби ӯ хуфта ду масти хароб.*
*Гуфт: чунин зор кард якшаба ҳаҷри туам,*
*К-аз душаба мечакад бар зари ман лаъли ноб*».

Намунаи дигар;

«*Эй зулфи ту бар барги гул мушкин ниқоб андохта,*
*Хатти лаби ту сабзаро бар рӯи об андохта.*
*Чашмат, ки зад сад тирро бар дил ҷавону пирро,*
*Ҳиндуи бозанҷирро дар офтоб андохта...*
*Ашкам Сурайё суфта дон, хоки даратро рӯфта дон.*
*Зулфат шабе ошуфта дон, бар моҳтоб андохта...*»

Бадри Чочӣ дар таносуби сухан, ки санъатест мураккаб, басо моҳир мебошад. Чанд намуна аз таносуби сухану тазоду васф:

*«Бадри Чочӣ гар аз ин пас васфи холу рух кунад,*
*Сарнагун бодо чу зулфу русияҳ бодо чу хол!»*

Дигар:

*«Дар ханда гулрӯи маро парвин фишонад шаккараш*
*В-аз гиря ҳиндуи маро симоб резад бар зараш».*

Боз:

*«Ба ду чашми ту, ки мастон харобанд имрӯз,*
*Ба ду зулфи ту, ки бар моҳ ниқобанд имрӯз!*
*Ба ду шохи шакарин пистаи шӯрангезат,*
*Ки ба коми дили мо лаъли хушобанд имрӯз.*
*Ба ду рухсор, ки чун тоҷи хурӯсанд ин дам*
*Ба ду абрӯ, ки сияҳ ҳамчу харобанд имрӯз.*
*Ба ду зангибачаи симқабои ҷонсӯз,*
*Ки арӯсони саропарда ба хобанд имрӯз.*
*Ба ду сунбул, ба ду наргис, ба ду лола, ба ду лаъл,*
*Ки ҳама марҳами ҷонҳои харобанд имрӯз.*
*Ки ман аз ҷоми ғамат бехабару бохабарам,*
*Ки ҳама з-оташи ишқи ту кабобанд имрӯз».*

Тасвири манзараҳои табиат, маҳалҳои шабу рӯз, фаслҳои сол аз мавзӯъҳои дӯстдоштатарини устодони каломи бадеист. Лавҳаҳои пурэъҷози Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон асрҳо ин ҷониб дилҳоро ба хурӯш меоваранд.

Осори боқимондаи Бадри Чочӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ низ ба ин чиз мароқи бузурге доштааст. Махсусан, лаҳзаҳои тулӯи офтоб ва ғуруби он, сайри моҳ дар осмон, кайфияти шабонгаҳ хеле дилпазир ва таъсирбахш инъикос ёфтаанд. Масалан:

«*Намози шом, ки султони Ҳинд, яъне моҳ,*
*Гирифт арсаи иқлими Ҳиндро ба сипоҳ.*
*Бидод чарх ба ҳинду қабои марворид,*
*Ки то ҷамол бипӯшанд турки зардкулоҳ...* .

Чунон ки Ғиёсиддин бинни Ҷалолиддин қайд кардааст, Бадри Чочӣ аз аксари илмҳои замонааш баҳраманд буд.

Алалхусус, илми нуҷум - ситорашиносиро хуб медонист, ки ин аз ашъораш низ намоён аст:

«*Бар сари чоҳи Зуҳра бин оҳуи зарнигорро,*
*Майл суи камон нигар тарги синонгудозро.*
*Бар сари тоси обгун, сӯи сарои муштарӣ*
*Рақскунон равон, нигар соғари зарнигорро*».

Осори тобдори Бадри Чочӣ боз асрҳо ба мардум фараҳу сурур хоҳад бахшид.

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ.**

# СУХАНГУСТАРИ МУШКИЛПИСАНД

Шашсаду бист сол пеш аз ин, яъне соли 1345 мелодӣ (745 ҳиҷрӣ) мардуми донишпарвари Деҳлӣ ҷисми азизеро ба хок супурд. Ин ҷасади марди фозил, шоири забардасти асри XIV тоҷик Бадри Чочӣ буд.

Аз он даме, ки чароғи зиндагии шоир хомӯш гашт, 620 сол гузашт. Вале дар тамоми ин муддати тӯлонӣ ашъори пурбӯрангии ӯ партавфишонӣ мекунад, дилҳои дилбохтагони шеъри тоҷикро аз шодию фараҳ лабрез мегардонад.

Муштоқони каломи бадеъ дар маҷлисҳо ӯро меҳонанд, баёзҳои худро бо осори рангини ӯ зиннат медиҳанд, аз ӯ ҳунари суханварӣ меомӯзанд; олимони адабиёт чун далели маҳкамасос байтҳои ӯро иқтибос мекунанд...

Мо ҳам хостем имрӯз ӯро ба қавли ҳакиме, «аз ақибаш зикри хайр» кунем.

Бадриддин мутахаллис ба «Бадр» аслан чочист (Тошканди ҳозира).

Чунон ки Шамсиддини Сомибек дар «Қомус-ул-аълом» қайд мекунад, соли 1333 Бадри Чочӣ рӯ ба ҷониби Ҳиндустон оварда, дохили Деҳлӣ мешавад. Чаро? Шоирро чӣ маҷбур кард, ки ҷилои ватан кунад?

Ба ҷавоби ин саволҳо худи Бадри Чочӣ ишораҳо кардааст. Ана, ин байтҳо аз як қасидаи ӯ мебошанд:

**«Вуҷуди Бадр чунон дар камоли нуқсон аст,**
**Ки пеши бадр ҳилол офтоби тобон аст!**
**Чу субҳ хобу хӯриш неву ҳар дам аз оҳаш**
**Сиёҳ оинаи моҳ ҳамчу қатрон аст...**
**Заифтар шуд аз он мӯи дидае, ки зи дард**
**Дар оби дидаи худ хору зору пинҳон аст...**
**Ба шакли тори бирешим, ки дар бари чанг аст**
**Низору зарду пур аз тобу сахт, нолон аст.**
**Зи ранҷи реш, ки аз неши ақраб омад пеш,**
**Зи дарди хеш ба худ ҳамчу мор печон аст...»**

Аз ин суханон равшан маълум мегардад, ки ҳолати шоир ниҳоят бад будааст. Ба шоир фишор овардаанд, вагарна ӯ ба ривояти машҳури халқии «неши ақраб» ишорат намекард. Зиндагӣ тоқатфарсо шуд — шоир мулки бегонаро ихтиёр кард.

Иқтидори суханварии Бадри Чочӣ дар Ҳиндустон зуд паҳн гардид, мардуми фазилатпараст поси хотираш доштанд. Ғиёсиддини Туғлақшоҳ шоирро ба дарбори адабии худ хонд. Ба Бадри Чочӣ номи «Фахр-уз-замон»-ро доданд.

Чунонки устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» нишон медиҳад Бадри Чочӣ дар Ҳинд 12 сол зиста, дар феврал—марти соли 1345 вафот мекунад.

Бадри Чочӣ дар шаклҳои гуногуни назми тоҷик — қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра асарҳо офаридааст. Мувофиқи ахбороти сарчашмаҳо, шоир девонашро бо дасти худ тартиб додааст. Ва ҳоло нусхаҳои зиёди девони ӯ дар китобхонаҳои мамлакатамон ва китобхонаҳои шахсии одамон мавҷуданд.

Ашъори Бадри Чочӣ як хусусияти ба назар намоён дорад: ки ин пухтагӣ, устуворӣ, баркамолии сухан аст. Ба ин байтҳо диққат кунед:

**Чи роҳатҳо бувад он дам, ки ояд дилбарам дар бар,**
**Агарчи бозам аз ғамза ҷароҳатҳо ниҳад дил-бар.**
**Зиҳӣ, субҳи ҷабинатро ду ахтар дар ду моҳи нав!**
**Зиҳӣ, боғи узоратро ду лола, дар ду нилуфар!**
**Зи ҳар тарзи камонабрӯ, ки чашмаш рост пайваста,**
**Синонҳо гирд бар гирду ду ҳинду тифли бозингар.**
**Ту он сарвӣ, ки медорӣ сиву ду дур ба як ғунча,**
**Ман он нолам, ки меборам дусад насрин зи як абҳар...**

Бадри Чочӣ сухангустарест мушкилписанд. Шеърҳои ӯ ниҳоят ҳунармандона гуфта шудаанд, баъзан ба андозае душворфаҳманд, ки хонандаи оддӣ аз идроки мароми гуянда оҷиз мемонад. Баъзе адибон, навиштааст устод Садриддин Айнӣ, «қасидае, ғазале, қитъае ё ки байтеро барои қудратнамоӣ бад-ин услуб иншо кардаанд. Аммо сар то пои девонро бад-ин сиёқ (яъне ба мисли Бадри Чочӣ) касе нанавиштааст».

Дар осори Бадри Чочӣ санъатҳои бадей, махсусан, киноя, маҷоз, истиора, ташбеҳ бисёр истифода шудаанд. Масалан:

**«Аз нами уннобн ӯ раста ду ришта гуҳар,**
**Дар хами меҳробӣ ӯ хуфта ду масти хароб.**
**Гуфт: чунин зор кард якшаба ҳаҷри туам,**
**К-аз душаба мечакад бар зари ман лаъли ноб».**

Намунаи дигар:

**«Эй зулфи ту бар барги гул мушкин ниқоб андохта,**
**Хатти лаби ту сабзаро бар рӯи об андохта.**
**Чашмат, ки зад сад тирро бар дил ҷавону пирро,**
**Ҳиндуи бозанҷирро дар офтоб андохта...**
**Ашкам Сурайё суфта дон, хоки даратро рӯфта дон.**
**Зулфат шабе ошуфта дон, бар моҳтоб андохта...»**

Бадри Чочӣ дар таносуби сухан, ки санъатест мураккаб, басо моҳир мебошад. Чанд намуна аз таносуби сухану тазоду васф:

**«Бадри Чочӣ гар аз ин пас васфи холу рух кунад,**
**Сарнагун бодо чу зулфу рӯсияҳ бодо чу хол!»**

Дигар:

**«Дар ханда гулрӯи маро парвин фишонад шаккараш**
**В-аз гирья ҳиндуи маро симоб резад бар зараш».**

Боз:

**«Ба ду чашми ту, ки мастон харобанд имрӯз,**
**Ба ду зулфи ту, ки бар моҳ ниқобанд имрӯз!**
**Ба ду шохи шакарин пистаи шӯрангезат,**
**Ки ба коми дили мо лаъли хушобанд имрӯз.**
**Ба ду рухсор, ки чун тоҷи хурӯсанд ин дам**
**Ба ду абрӯ, ки сияҳ ҳамчу ғаробанд имрӯз.**
**Ба ду зангибачаи симқабои ҷонсӯз,**
**Ки арӯсони саропарда ба хобанд имрӯз.**
**Ба ду сунбул, ба ду наргис, ба ду лола, ба ду лаъл,**
**Ки ҳама марҳами ҷонҳои харобанд имрӯз.**
**Ки ман аз ҷоми ғамат бехабару бохабарам,**
**Ки ҳама з-оташи ишқи ту кабобанд имрӯз».**

Тасвири манзараҳои табиат, маҳалҳои шабу рӯз, фаслҳои сол аз мавзӯъҳои дӯстдоштатарини устодони каломи бадеист. Лавҳаҳои пурэъҷози Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон асрҳо ин ҷониб дилҳоро ба хурӯш меоваранд.

Осори боқимондаи Бадри Чочӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ низ ба ин чиз мароқи бузурге доштааст. Махсусан, лаҳзаҳои тулӯи офтоб ва ғуруби он, сайри моҳ дар осмон, кайфияти шабонгаҳ хеле дилпазир ва таъсирбахш инъикос ёфтаанд. Масалан:

**«Намози шом, ки султони Ҳинд, яъне моҳ,**
**Гирифт арсаи иқлими ҳиндро ба сипоҳ.**
**Бидод чарх ба ҳинду қабои марворид,**
**Ки то ҷамол бипӯшанд турки зардкулоҳ...».**

Чунон ки Ғиёсиддин бини Ҷалолиддин қайд кардааст, Бадри Чочӣ аз аксари илмҳои замонааш баҳраманд буд. Алалхусус, илми нуҷум — ситорашиносиро хуб медонист, ки ин аз ашъораш низ намоён аст:

**«Бар сари чоҳи Зӯҳра бин оҳуи зарнигорро,**
**Майл сӯи камон нигар тарги синонгудозро.**
**Бар сари тоси обгун, сӯи сарои муштарӣ**
**Рақскунон равон, нигар соғари зарнигорро».**

Осори тобдори Бадри Чочӣ боз асрҳо ба мардум фараҳу сурур хоҳад бахшид.

Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.